***УДК 658***
***ББК 65.301***

| | |
|---|---|
| ***ТАҲЛИЛИ ТАРАҚҚИЁТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД*** | ***Ғозибеков Садриддин Арслонбекович,*** *мудири кафедраи менеҷменти Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,* ***Аминова Фирӯза Мубинҷоновна****, ассистенти кафедраи иқтисод ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ, (Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ*** | ***Газибеков Садриддин Арсланбекович****, заведующий кафедрой менеджмента Института экономики и торговли ТГУК,* ***Аминова Фируза Мубинджоновна,*** *ассистент кафедры экономики и предпринимательства Института экономики и торговли ТГУК (Таджикистан, Худжанд)* |
| ***THE ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN SUGHD VILOYAT*** | ***Gazibekov Sadriddin Arslanbekovich****, Head of the Management Department under the Institute of Economics and Trade attached to the Tajik State University of Commerce****, Aminova Firuza Mubindzhonovna,*** *assistant of the department of economics and entrepreneurship under the Institute of Economics and Trade attached to the Tajik State University of Commerce (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *gazibekov@mail.ru.* |

***Калидвожаҳо:*** *саноатикунонии босуръати кишвар, бӯҳрони трансформатсионӣ, мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муҳаррик*

*Таҳлили тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ба субут расонида, тағйирёбии тараққиёти прогрессивӣ ва регрессивӣ арзёбӣ гардид. Ба таҳлили истилоҳи “тараққиёт” диққати махсус дода шудааст. Таҳқиқи шароит ва тағйирёбӣ дар равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст. Мушоҳидаи зернизомҳо, таҳлили захираҳо ва дараҷаи тараққиёти иқтидорҳои корхонаҳои саноатӣ сурат гирифтааст. Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ва нишондиҳандаҳои он ба ҳар сари аҳолӣ оварда шудааст. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зикр шудааст. Муайян карда шудааст, ки инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати “муҳаррик” тамоми ҷумҳуриро аз бӯҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд.*

***Ключевые слова:*** *ускоренная индустриализация страны, трансформационный кризис, социально-экономические проблемы, социально-экономическое развитие, локомотив прогресса*

*Анализируется развитие промышленных предприятий, которое оценивается как прогрессивное или регрессивное. Особое внимание уделяется термину «развитие». Исследованы условия для изменений в социально-экономических процессах промышленного развития. Проведено наблюдение за подсистемами, дан анализ*

*ресурсов и определена степени развития производственных мощностей промышленных предприятий. Приведено изменение общего объема промышленного производства и его показателей на душу населения. Представлен объем промышленного производства и выведены темпы роста промышленного производства в городах и районах области. Определено, что развитие действующих предприятий может выступать в качестве «локомотива», спасающего страну от затяжного кризиса, и обеспечить прогресс и устойчивое экономическое развитие.*

***Key-words:*** *accelerated industrialization of the country, transformational crisis, socio-economic problems, socio-economic development, the progressive, locomotive.*

*The analysis of theoretical approaches allowed us to systemitize a range of aspects of systemic development in the assessment of both progressive and regressive changes of the development in question. Social-economic development of the country and its regions directly depends on the sustainability of industrial enterprises. The investigation of conditions and changes of social and economic processes of industrial development has been considered in the article. Observation over subsystems, analysis of resources and development of industrial enterprises potential have been conducted. The changes of the whole capacity of industrial production and the industrial production per capita have been adduced. The capacity of industrial production and the rates of industrial production growth in cities and nokhiays of Sughd viloyat have been pointed. It has been determined that the development of active enterprises may act as a "locomotive" which can save the whole country from the lingering crisis and provide sustainable economic development.*

Масъалаи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир, чӣ хеле ки аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси олӣ бармеояд, ин саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад [1]. Дар вохӯрӣ бо саноатчиён ва соҳибкорон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар самти расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, дар минтақаҳо шароитҳои мусоид муҳаё карда шуда, рушди соҳаи мазкур ҳаматарафа аз тарафи мақомоти идоракунии маҳаллӣ дастгирӣ карда шавад [2].

Дар замони муосир масъалаи асосии иқтисодиёти Тоҷикистон ин дарёфти роҳҳои самарабахши таъминоти стратегияи саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳалли амалии ин масъала бевосита бо бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ ва шиддатёбии суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар бахши аслии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Танҳо дар ҳамин асос ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Дар марҳилаи муосир дар адабиёти иқтисодӣ ба тараққиёти низомҳои иқтисодӣ диққати калон зоҳир карда мешавад. Истилоҳи "тараққиёт" одатан бо ибораҳои: тараққиёти иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода мешавад.

Дар корҳои илмӣ, ки ба муаммои тараққиёт бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки он принсипи умумии ҳамагуна низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷараёни тағйирёбии бебозгашт ва қонунӣ мебошад, ки ба пайдоиши дигаргуниҳои миқдорӣ, сифатӣ ва сохтории низом оварда мерасонад.

Натиҷаи тараққиёт ҳолати сифатан нави объект мебошад, ки тағйирёбии хислат, таркиб, сохторро тавсиф медиҳад, яъне ин тағйироти унсурҳо ва алоқаҳои он аст.

Таҳлили муносибатҳои назариявӣ имкон дод, ки як қатор ҷиҳатҳои низоми тараққиёт

ба тартиб оварда, низомбандӣ карда шавад.

Тараққиёт ҳамчун ҷараён дорои самте мебошад, ки он бо мақсади таъсиррасонии идоракунӣ муайян карда мешавад. Агар тағйирёбӣ мусбат бошад – тараққиёт прогрессивӣ ба ҳисоб меравад, агар манфӣ бошад, он гоҳ тараққиёт регрессивӣ мешавад. Аз рӯи шакл, тараққиёт метавонад таҳаввулӣ ва инқилобӣ бошад. Аз рӯи механизмҳо тараққиёт ба экстенсивӣ ва интенсивӣ ҷудо мешавад. Аз рӯи намуд онро ба асиметрӣ, мутобиқатӣ ва бетараф ҷудо мекунанд.

Дар тараққиёти асиметрӣ низомҳои калидӣ номутаносиб рушд мебошад. Тараққиёти мутобиқатӣ мавҷудияти тавозунро муайян мекунад, ки дар он ҳар як унсури низом имконияти тараққӣ карданро дорад.

Асимметрияи саноатӣ ба ҳар як низоми иқтисодӣ хос буда, натиҷаи ҷараёнҳои тараққиёт ва рушди дар он ба миён ояндаро ифода мекунад. Мисол, аз сабаби тақсимоти нобаробари қувваҳои истеҳсолкунанда, таҷаммӯи онҳо мувофиқи логистикаи самаранок ва ҷойгиршавии марказҳои ашё, тамоюли шаҳришавии аҳолӣ ва ғайраҳо, соҳаҳои хоҷагидорӣ дар минтақаҳои кишвар нобаробар тақсим мешавад, ки фарқро дар дараҷаи тараққиёти корхонаҳои саноатии алоҳида муайян менамояд. Чунин тараққиёти маҳдуд ба марҳилаи таҳаввулии макони муосири иқтисодӣ хос аст. Фарқиятҳои байни корхонаҳо натиҷаи фарқгузории маконҳои иқтисодӣ мегардад. Дар адабиёти иқтисодӣ сабабҳои гуногуни чунин ҳодисаро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки ба пайдоиш ва шиддатёбӣ мусоидат менамоянд, лекин натиҷа дар ҳама гуна ҳолат як аст – таъсири манфӣ ба тараққиёти низоми муносибатҳо байни субъектони бизнес, нобаробарии имкониятҳои танзими мустақилона [6, с. 237].

Мувофиқи ақидаи тарафдорони назарияи рушди кумулятивӣ сатҳи тараққиёти иқтисодӣ, самаранокии корхонаҳо аз ҳисоби фишангҳои дохилии минтақа гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат сиёсати паст намудани фарқият дар сатҳи тараққиёти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ва ё баробаркунии сатҳи тараққиёти иқтисодии корхонаҳо зарур аст, ки давлат барномаи тараққиёти иқтисодиро ташкил намояд. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар барномаи тараққиёти иқтисодӣ кӯмак ва дастгирии корхонаҳои саноатии қафомонда ба эътибор гирифта шаванд [7, с. 156].

Низоми корхонаҳои саноатӣ баробари унсури сохтории иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он буданаш, як қатор хусусиятҳои фарқкунанда дорад, ки саҳми онҳоро дар натиҷагирии умумииқтисодӣ муайян менамояд. Тадқиқи шароит ва тағйирёбии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тараққиёти саноатӣ нишон медиҳад, ки ҳар як корхонаи саноатӣ муҳит ва сохтори ташкилии махсус ва муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ ва ғайра дорад, ки хусиятҳои инкишофёбӣ ва идоракуниро муайян менамоянд. Муайян намудани низоми корхонаҳои саноатиро метавон ҳамчун низоми номутаносибии сохторӣ шарҳ дод. Нобаробарӣ дар ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ба монанди фаъолияти молиявӣ, кадрӣ, техникӣ, ташкилӣ, инвеститсионӣ, захиравӣ ва ғайра ба назар мерасад. Дар давраи муосир дар ҷодаи тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ, нисбат ба коркарди муносибатҳои самаранок, ба баланд намудани фаъолнокии инвеститсионӣ, ҳамгироии корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи миллӣ ва бозори ҷаҳонӣ диққати махсус дода мешавад, ки тараққиёти муътадили унсурҳои зарурии низомиро таъмин менамояд. [5, с. 39].

Мушкилоти тараққиёти корхонаи саноатӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин чунин тараққиёт бояд на танҳо мувозинати саноатиро бо истифода аз захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва молиявӣ, балки, тавозуни натиҷаҳо ва эҳтиёҷоти корхонаи саноатӣ, озодии иқтисодӣ ва бехатарӣ, тавозуни манфиатҳои иқтисодии ҳама субъектони ҷараёнро таъмин намояд.

Амалигардонии чунин консепсия дар ҳолати мавҷудияти мақсад ва масъалаҳои истифодаи иқтидори корхонаҳои саноатӣ имконпазир мегардад.

Ҳангоми гузаронидаи таҳлили захиравӣ ва нишондиҳандаҳои тараққиёти корхонаҳои саноатӣ дар навбати аввал мушоҳида намудани зернизомҳо зарур аст, ки барои тараққиёти корхонаҳои саноат аҳамияти калидӣ доранд: иқтидори табиӣ-захиравӣ, сармояи меҳнатӣ, зернизоми истеҳсолӣ, таъминоти молиявӣ. Ин гуфтаҳоро бо он исбот кардан мумкин аст, ки маҷмӯи иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатӣ тараққиёти субъекти хоҷагидорӣ, фаъолияти истеҳсолии он, инчунин сатҳ ва сифати коргарро муайян менамояд.

Бо баробари ин ворид намудани иқтидор ба низоми корхонаҳои саноатӣ ҷалб намудани имкониятҳои истифоданашударо дар назар дошта, дар он натиҷаҳои истифодаи захираҳо инъикос мешаванд. Ба ибораи дигар зернизоми идоракунӣ дар асоси захираҳои мавҷудбуда иқтидорро ташаккул дода, онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳо ҷалб менамояд.

Натиҷаи чунин фаъолият, пеш аз ҳама, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки ин нишондиҳанда оид ба сатҳ ва самаранокии истифодаи иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаи саноатӣ шаҳодат медиҳад.

Қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи фаъолнокӣ ва пешрафти соҳаҳои саноат ва баланд бардоштани иқтидори он захираҳои меҳнатии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Сармояи инсонӣ захираи асосии инноватсионӣ мебошад, ки рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва корхонаҳои саноатиро тақозо менамояд. [4.с.46-49].

Дар минтақаи вилояти Суғд бояд низоми тайёрии муттасили касбии захираҳои меҳнатӣ ба роҳ монда шавад. Сармояи инсонӣ ҳамчун унсури асосии пешрафти соҳаҳои саноат ба марҳалаи нави инкишофи худ мегузарад.

Яке аз масъалаҳои принсипиалӣ ва асосии истифодаи самараноки сармояи инсонӣ баҳри инкишофи корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ рафъи хатоҳо байни унсурҳои шахсӣ ва шайъии омилҳои истеҳсолот мебошад.

Самтҳои асосии баландбардории самаранокии иқтисодии корхонаҳоро аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин муайян сохтан мумкин аст: ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ, меҳнатталабӣ, масолеҳталабӣ, сармояталабӣ, фондталабӣ, боздеҳи фондҳо.

Аз рӯи ин гуфтаҳо дар ҷадвали 1 тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайати истеҳсолии саноатӣ ва маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари коргарон, инчунин шумораи миёнаи коргарон вобаста ба як корхонаи саноатӣ оварда шудааст.

***Ҷадвали 1.**Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулотисаноатӣ дар вилояти Суғд*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **2019 нисбат ба соли 2013 ва 2018, %.** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2013** | **2018** |
| Шумораи корхонаҳо | 324 | 566 | 698 | 604 | 597 | 633 | 657 | 202,8 | 103,8 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархи соли 2019) млн. сомонӣ | 4734,1 | 5169,7 | 6136,4 | 8302,6 | 10917,9 | 11562,0 | 13053,5 | 275,7 | 112,09 |
| Шумораи миёнаи солонаи ҳайати истеҳсолии саноатӣ, нафар | 20227 | 22500 | 28746 | 30156 | 32068 | 28286 | 35091 | 173,5 | 124,1 |
| Шумораи коргарон | 16109 | 17836 | 22983 | 25477 | 27228 | 23525 | 24771 | 154 | 105,3 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайати истеҳсолии саноатӣ (сомонӣ) | 234048,5 | 229764,8 | 213469,7 | 275321,6 | 340460,8 | 408753,4 | 371989,9 | 163,2 | 93,5 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари коргарон (сомонӣ) | 293879,2 | 289846,4 | 266997,3 | 325886,1 | 400980,1 | 491477,2 | 526967,0 | 179,3 | 107,2 |
| Шумораи ҳайати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 62 | 40 | 41 | 50 | 54 | 45 | 53 | 85,5 | 117,8 |
| Шумораи коргарон ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 50 | 32 | 33 | 42 | 46 | 37 | 38 | 76,0 | 102,7 |

***Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, 2020. С. 168.*

Аз рӯи маълумоти омории дар ҷадвали 1 оварда шуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми давраи таҳлилӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 303 адад, нисбат ба соли 2018 24 адад зиёд шудааст. Аз ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2013-2019 дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ҳосилнокии меҳнат (ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари кормандон) рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Баробари ин шумораи коргарон ва ҳайати истеҳсолии саноатӣ вобаста ба ҳар як корхонаи саноатӣ тамоюли пастравиро ифода менамояд. Новобаста ба ин ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 2,76 маротиба афзоиш ёфта, дар ин марҳила шумораи коргарон 54% зиёд шудааст.

Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2013-2019 асосан аз ҳисоби баландшавии ҳосилнокии меҳнати коргарон ба миён омадааст. Баробари ин шумораи миёнаи коргарон дар корхонаҳои саноатии вилоят коҳиш ёфтааст (расми 1).




***Расми 1*** *Тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ. Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, 2020. С. 168.*

Диаграммаи дар расми 1 овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сар коргар дар вилояти Суғд дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 то 2,03% афзоиш ёфта, чунин вазъият дар ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайати истеҳсолии саноатӣ ба назар мерасад (98,16%). Боиси тазаккур аст, ки дар ин марҳила шумораи коргарон ба ҳисоби миёнаи ҳар як корхона ва шумораи ҳайати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби ҳар як корхона то 64,52 ва 64% мувофиқан коҳиш ёфтааст.

Таҳлили омори муқоисавии соли 2019 нисат ба соли 2013 нишон медиҳад, ки новобаста ба камшавии шумораи коргарон ба ҳисоби ҳар як корхона ва шумораи ҳайати истеҳсолии саноатӣ ба ҳар як корхона, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Аз таҳлил бармеояд, ки дар соли 2019 шумораи коргарон ба ҳисоби ҳар як корхона нисбат ба соли 2013 то ба 76% кам шуда бошад ҳам, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари коргар то 79,3% ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайати истеҳсолии саноатӣ бошад 58,9% баланд шудааст. Натиҷаи чунин таҳлил бо он асос меёбад, ки дар ин марҳила новобаста ба коҳиши шумораи коргарон ва ҳайати истеҳсолӣ, дар саноати минтақаи вилояти Суғд баландшавии ҳосилнокии меҳнат ба назар мерасад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки васеъшавии истифодаи иқтидори саноатии минтақа қодир аст ба саноатикунии босуръати кишвар саҳми боз ҳам зиёдтарро гузорад, зеро баландшавии ҳосилнокии меҳнат яке аз унсурҳои асосии чунин саноатикунонӣ ба ҳисоб меравад.

Тараққиёти саноати вилояти Суғд бе муайян намудани ҳолат ва сатҳи инкишофи саноати шаҳру ноҳияҳо имконнопазир аст, зеро дар маҷмӯъ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар иқтисодиёти вилоят вобаста аз сатҳи истеҳсоли саноатии шаҳру ноҳияҳои он муайян карда мешавад. Сохтори маъмурии вилояти Суғд дар маҷмӯъ 18 шаҳру ноҳияро дар бар мегирад, ки дар ҳамаи онҳо истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба роҳ монда шудааст.

Умуман ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҷадвали 2 оварда шудааст. Маълумоти ҷадвали 2 – ро (ба нархҳои ҷории солҳои зикршуда) истифода бурда, суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муайян намудан мумкин аст.

***Ҷадвали 2.*** *Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят*

| | **Солҳо** | | | | | | | **Ба ҳисоби миёна** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | |
| **н. Айнӣ** | | | | | | | | |
| I. | 119779,3 | 226349,3 | 262908,4 | 526227,2 | 784483,6 | 985042,6 | 948297,4 | 550441,1 |
| II. | 114,2 | 192,4 | 116,5 | 180,5 | 118,6 | 118,0 | 107,4 | 135 |
| **н. Ашт** | | | | | | | | |
| I. | 80710,2 | 114468,9 | 125182,1 | 158723,8 | 183487,4 | 205174,6 | 224880,0 | 156089,6 |
| II. | 112,4 | 146,6 | 109,8 | 121,5 | 112,8 | 100,3 | 111,3 | 116 |
| **н. Б. Ғафуров** | | | | | | | | |
| I. | 209222,8 | 285138,1 | 322154,1 | 612103,2 | 1015460 | 1146846 | 1359001,0 | 707132,1 |
| II. | 104,5 | 141,6 | 108 | 182,2 | 160 | 109 | 120,5 | 132 |
| **ш. Бӯстон** | | | | | | | | |
| I. | 35569,4 | 62520,3 | 82653,2 | 87401,2 | 182273,8 | 257070,1 | 411006 | 159784,9 |
| II. | 114 | 180,9 | 130,7 | 120 | 210 | 137 | 160 | 150 |
| **ш. Гулистон** | | | | | | | | |
| I. | 670444,7 | 986793 | 1146080 | 2129523 | 3526706 | 3446519 | 3261638 | 2166814,9 |
| II. | 127 | 131,9 | 120,1 | 142,3 | 114,8 | 91,1 | 101,0 | 118 |
| **н. Деваштич** | | | | | | | | |
| I. | 12834,7 | 20175,1 | 26224,5 | 27445,3 | 29437,9 | 59288,8 | 61447,2 | 33836,2 |
| II. | 124,9 | 157,2 | 129,8 | 104,7 | 107,3 | 170 | 103,7 | 128 |
| **н. Зафаробод** | | | | | | | | |
| I. | 101989,7 | 102183,5 | 106479,7 | 142082,6 | 176191,6 | 231007,8 | 216524 | 153779,9 |
| II. | 107,2 | 101,5 | 106,6 | 134 | 124 | 116,9 | 101,5 | 113 |
| **ш. Истаравшан** | | | | | | | | |
| I. | 199572,2 | 263454,9 | 278753,7 | 315032 | 355907,7 | 426189,4 | 529168 | 338296,9 |
| II. | 115,3 | 127,2 | 106,3 | 113 | 116,6 | 108,9 | 121,9 | 115,6 |
| **ш. Истиқлол** | | | | | | | | |
| I. | 6720,3 | 7949,2 | 9512,6 | 20536,2 | 27882,6 | 27836,2 | 39639,6 | 20010,9 |
| II. | 116 | 118,3 | 119,7 | 220 | 135,8 | 111,1 | 144,7 | 138 |
| **ш. Исфара** | | | | | | | | |
| I. | 195860,9 | 230103,3 | 270226,3 | 279212,2 | 296576 | 363681,6 | 363989 | 285664,1 |
| II. | 120 | 116,1 | 118,6 | 105 | 106,6 | 112,7 | 98,7 | 111 |
| **ш. Конибодом** | | | | | | | | |
| I. | 114310,3 | 114035,1 | 117245,1 | 119817,4 | 193848,9 | 261471,3 | 310182 | 175844,3 |
| II. | 96,4 | 100,7 | 105,8 | 107,3 | 150 | 128,2 | 114,8 | 114 |
| **н. Кух. Мастчоҳ** | | | | | | | | |
| I. | 628,6 | 634,8 | 858 | 1272 | 1778,2 | 2397,7 | 3549,9 | 1588,5 |
| II. | 139,9 | 101 | 135,2 | 148,3 | 139,8 | 128,9 | 145,9 | 134 |
| **н. Мастчоҳ** | | | | | | | | |
| I. | 119307,1 | 131963,4 | 145193,8 | 170979,9 | 196197,5 | 203609,4 | 240694 | 172563,6 |
| II. | 64 | 110,7 | 109,4 | 117 | 113,4 | 93 | 119,6 | 103 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ш. Панҷакент** | | | | | | | | |
| I. | 413928,8 | 519187,2 | 824764,5 | 1157439 | 1469465 | 1889874 | 2867482 | 1306020,1 |
| II. | 109,9 | 132,2 | 141,3 | 108,1 | 121,3 | 117,7 | 122,8 | 121 |
| **н. Спитамен** | | | | | | | | |
| I. | 111248,9 | 121407 | 147713,5 | 218223,9 | 303808,6 | 406387,2 | 490316 | 257015 |
| II. | 100,7 | 113,6 | 119 | 143,6 | 139,2 | 126,2 | 120,8 | 123 |
| **ш. Хуҷанд** | | | | | | | | |
| I. | 407872 | 490050 | 638789,7 | 761430,3 | 942582,8 | 1132397 | 1291815 | 809276,7 |
| II. | 114,8 | 121,6 | 129,9 | 116,9 | 122,6 | 111,9 | 115,4 | 119 |
| **н. Ҷ. Расулов** | | | | | | | | |
| I. | 81138 | 82757,3 | 97009,5 | 120591 | 169014,6 | 198615,4 | 231463 | 140084,1 |
| II. | 88,5 | 102 | 117,2 | 124,3 | 140,2 | 110,5 | 116,5 | 114 |
| **н. Шаҳристон** | | | | | | | | |
| I. | 6666,4 | 15711,3 | 18870,1 | 20441,3 | 27996,3 | 34153,3 | 37214,2 | 23007,6 |
| II. | 116,5 | 235,7 | 120,1 | 108,3 | 137,4 | 113,6 | 109,0 | 134 |

*Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд 2020. С. 497, [3, С 176].*

Дар ин ҷо:

I. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят (бо нархҳои ҷорӣ);

II. - Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят (бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ).

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар тӯли солҳои 2013-2019 дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят, ба ғайр аз шаҳри Исфара ва шаҳри Гулистон афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба назар мерасад.

Новобаста ба коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Мастчоҳ ва шаҳри Гулистон дар соли 2019 нисбат ба соли 2018, суръати миёнасолаи афзоиш дар онҳо ба 119,6 ва 101% мувофиқан баробар аст.

Аз таҳлили ҷадвали 2 маълум мегардад, ки суръати афзоиши миёнасолаи истеҳсоли саноатӣ дар давраи солҳои 2013-2019 дар ноҳияи Айнӣ – 135%, ноҳияи Б. Ғафуров – 132%, шаҳри Бӯстон – 150%, шаҳри Истиқлол – 138%, ноҳияи Шаҳристон – 134% - ро ташкил медиҳад.

Умуман аз рӯи маълумоти ҷадвали 2 қайд намудан мумкин аст, ки дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар давраи солҳои 2013-2019 афзоиши мунтазами ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон қобили зикр аст, ки дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят саҳми назарраси як қатор шаҳру ноҳияҳо мушоҳида карда мешавад.

Дар саноатикунонии иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд саҳми шаҳрҳои Гулистон, Панҷакент, Хуҷанд ва ноҳияи Б. Ғафуров хеле назаррас мебошад (расми 2).




***Расми 2.*** *Вазни қиёсии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақавӣ*

Аз рӯи диаграммаи дар расми 2 овардашуда аён мегардад, ки дар саноати вилояти Суғд саҳми шаҳри Гулистон бештар буда, он дар соли 2019 зиёда аз 29% маҳсулоти саноатии минтақавиро ташкил додааст. Ҳиссаи шаҳри Панҷакент 17,6%, шаҳри Хуҷанд – 10,9% - ро ташкил мекунад. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳо маълум мегардад, ки дар ин се шаҳри вилоят зиёда аз 57,5% маҳсулоти саноатии минтақавии вилояти Суғд истеҳсол карда мешавад. Боқимонда 15 шаҳру ноҳияҳо дар маҷмӯъ 42,5% маҳсулоти саноатии минтақавиро истеҳсол менамоянд.

Мувофиқи маълумоти расмии Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, сохтори соҳаҳои саноати минтақа дар тӯли солҳои 2013-2019 тағйироти нисбатан назаррасро аз сар гузарониданд. Агар дар соли 2013 саноати коркард - 67% маҳсулоти саноатии минтақаро истеҳсол карда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда ба 64% баробар шудааст. Инчунин ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар соли 2013 26%-ро ташкил карда бошад, дар соли 2019 он ба 29% баробар шудааст (расми 2).




***Расми 2.*** *Сохтори соҳаҳои саноати вилояти Суғд*

Чунин тағйироти сохторӣ дар соҳаи саноати минтақавӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 соҳаи истихроҷи маъдан афзоиш ёфтааст.

***Ҷадвали 3.*** *Истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | **2019 нисбат ба соли 2013 ва 2018, %.** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2013 | 2018 |
| Конструксия ва маснуоти васлшавандаи оҳану бетонӣ, ҳаз. $м^3$ | 10,1 | 13,9 | 22,7 | 21,3 | 25,0 | 4,4 | 3,6 | 36 | 82 |
| Хишти бинокорӣ, млн. дона хишти шартӣ | 26,8 | 34,1 | 38,0 | 38,8 | 39,9 | 43,2 | 57,8 | 216 | 134 |
| Нахи пахта, ҳаз. тонна | 35,4 | 32,8 | 31,9 | 29,8 | 38,1 | 40,0 | 43,1 | 122 | 108 |
| Матои тайёри пахтагин, ҳазор $м^2$ | 1020 | 1009 | 660 | 416 | 638 | 4109 | 564 | 55 | 14 |
| Шоҳивории тайёр, ҳазор $м^2$ | 71,9 | 1,6 | 2,4 | - | - | 19,4 | 21,4 | 30 | 110 |
| Қолинҳо ва молҳои қолинӣ, млн. $м^2$ | 1,4 | 1,8 | 1,2 | 1,6 | 1,8 | 2,5 | 2,4 | 171 | 96 |
| Гӯшт ҳаз. тонна | 8,9 | 14,3 | 17,4 | 20,8 | 21,7 | 25,2 | 27,4 | 308 | 109 |
| Нӯшокиҳои беспирт ҳаз. дал. | 5386 | 3798 | 4286 | 3825 | 3915 | 4969 | 6165 | 114 | 124 |

*Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд 2020 С. 497с.*

Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 истеҳсоли маснуоти васлшавандаи оҳану бетонӣ соли 2019 нисбат ба соли 2013 36% - ро ташкил медиҳад, ки рӯ ба пастшавӣ ниҳода дар соли 2018 82% - ро ташкил намудааст. Нахи пахта рӯ ба афзоиш ниҳода, соли 2019 нисбат ба соли 2013 22% афзоиш ёфта, дар соли 2018 8% зиёд шудааст. Истеҳсоли гӯшт дар соли 2013 8,9 ҳазор тоннаро ташкил дода бошад, соли 2019 ба 27,4 ҳазор тонна расидааст, ки нисбат ба соли 2013 қариб 31 маротиба зиёд шудааст.

Дар асоси таҳлилҳои мазкур қайд намудан мумкин аст, ки имкониятҳои афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар вилоят хеле васеъ буда, истифодаи оқилонаи он метавонад, на танҳо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро зиёд, балки ба сатҳи шуғлнокии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро баланд кунад.

Бинобар гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки васеъшавии экстенсивии соҳаи саноати минтақавии вилояти Суғд имкон дорад, ба саноатикунонии кишвар саҳми назаррас гузорад. Ин гуфтаҳо бо он тасдиқ карда мешаванд, ки бо баробари васеъ шудани экстенсивии соҳаи саноат ҳаҷми маҳсулоти ин соҳа афзоиш ёфта, сатҳи шуғлнокӣ баланд карда мешавад ва ҳамзамон ба густариши алоқаҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва мустаҳкам намудани тақсимоти меҳнати минтақавӣ оварда мерасонад.

Нишондиҳандаҳои тараққиёти соҳаи саноати вилояти Суғд шаҳодат медиҳад, ки дар

ин соҳаи ҳаётан муҳим имкониятҳои васеи саноатикунонии кишвар мавҷуданд. Истифодаи бевоситаи оқилонаи имкониятҳои мавҷудбуда, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби барқарорсозӣ ва таъмини истеҳсоли молҳои нав дар корхонаҳои минтақа, ки қобилияти рақобатнокии кофӣ доранд, имкон медиҳад, ки вазни қиёсии маҳсулоти саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ густариш дода шавад. Мавҷудияти чунин имкониятҳои иқтисодӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он борҳо дар баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд шуда буд. Ҳамасола дар паёмҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатиро дар ҷодаи баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ қайд мекунанд.

Бинобар ҳамин интихоб ва инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати “муҳаррик” баромад кунад, ки тамоми ҷумҳуриро аз бӯҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд. Таъмини тараққиёти бахши саноатӣ дар асоси принсипҳои саноатикунонии босуръати кишвар, ҳамчун асоси ба даст овардани рушди иқтисодии самаранок ва устувор, инкишофи ҳама шаклҳои соҳибкориро дар соҳаи саноат дар назар дорад. Айнан инкишоф ва васеъшавии ҳама шаклҳои соҳибкорӣ метавонад заминаи мусоидро барои таъмини ҷойҳои кории мувофиқ ва таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанро фароҳам оварад. Дар ин ҷода инкишофи соҳибкории хурд ва миёна нақши махсусро дорад. Аҳамияти инкишофи соҳибкории хурду миёна бо он асос меёбад, ки онҳо метавонанд ба тараққиёти саноат такони мусбат бахшида, қисми муайяни захираҳои меҳнатиро ба худ ҷалб намоянд. Аз таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда маълум аст, ки маҳз ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкории хурду миёна ба аксарияти онҳо имконияти таъмини рушди иқтисодии устуворро дар давраи гузариши тараққиёти иқтисодӣ фароҳам овардааст.

Омилҳои асосие, ки ба тараққиёти устувори корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд, пеш аз ҳама, муайян намудани ҳадафҳои пешрафти корхона, тағйирёбии муҳити экологӣ, натиҷаҳои пешрафти илму техника, тамоюли ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб мераванд.

***Пайнавишт:***


1. www.president.tj *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26.12.2018.*
2. www.president.tj *Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо саноатчиён ва соҳибкорон. 14.10.2019.*
3. http:// www.stat.tj *Омори солонаи вилояти Суғд. Хуҷанд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - 497с.*
4. *Боровик А.С. Концептуальные основы модернизации региональной экономики. // Региональная экономика - М., 2010 - № 25. – С. 46-49.*
5. *Ищенко М.М. Региональное управление неоднородными социально-экономическими системами субъектов РФ.: автореф...дис. ...д-ра экон. наук: 08.00.05. – М., 2012. – 39 с.*
6. *Киселева Н.Н. Адаптивное управление социально-экономическим развитием сельских территорий регионов Северо-Кавказкого федерального округа - М.: Изд-во Российской академии естествознания, 2013. – 534 с.*

7. *Корчагина Ю.А. Региональная экономика и финансы: учебное пособие для студентов экономических специальностей. - Воронеж: ЦИРЭ, 2010. – 260 с.*
8. *Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. – Душанбе, 2016.- 355 с.*
9. *Неверов А.Н. Развитие теории постиндустриальной экономики на современном этапе: дис… канд.экон.наук. – Саратов, 2005. – 180 с.*
10. *Ускова Т.В. Управление устойчивым развитем региона. // Вологда: ИСЭРТ РАН, 2009. – 355с.*

***Reference Literature:***

1. *www.president.tj The Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President, Reverend Emomali Rakhmon to Majlisi Oli (Supreme Council) of Tajikistan Republic from 26.12.2018. – Dushanbe: Djumhuriyat" (Republic). – 26.12.2018*
2. *www.president.tj The Meeting of Industrial Votaries and Entrepreneurs with the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President, Reverend Emomali Rakhmon which Took Place on 14.10.2019. "Djumhuriyat". – p.1.*
3. *http:// www.stat.tj Statistical Annual of Sughd Viloyat. Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. – 2020. – p.497.*
4. *Borovik A.S. Conceptual Grounds of Modernization of the Regional Economy. // Regional Economy - M., 2010 - No. 25. - pp. 46-49.*
5. *Ishchenko M.M. Regional Management with Heterogeneous Socio-Economic Systems of RF Subjects. Synopsis of Doctoral dissertation in economics: 08.00.05. – M., 2012. – 39 pp.*
6. *Kiselyova N.N. Adaptive Management with Socio-Economic Development of Rural Territories Included into the Regions of Northern-Caucasian Federal Circuit. – M.: Publishing-House of Russian Academy of Natural Sciences. 2013. – p. 534.*
7. *Korchagina Yu.A. Regional Economics and Finance: manual for the students of economics specialties, Voronezh: Central Institute of Regional Economy, 2010. - 260 pp.*
8. *National Strategy of Tajikistan Republic Development for the Period up to 2030. – Dushnabe, 2016. – 355 pp.*
9. *Neverov A.N. The Development of Postindustrial Economy Theory at Contemporary Stage. Candidate dissertation in economics. – Saratov, 2005. – p. 180.*
10. *Uskova T.V. Management with Sustainable Development of the Region // Vologda: RAS ISERT, 2009. – 355 pp.*